Викторина барои хонандагони мактаб дар мавзуи “Тағйирёбии иқлим”



Қоидаҳои викторина

Викторинаи иқлимӣ – бозие мебошад, ки асоси онро кортҳо бо саволҳои ҷолиб дар бораи “Тағйирёбии иқлим” ташкил медиҳанд. Саволҳои викторина дастурамали “Сандуқчаи иқлимӣ”-ро такмил мекунанд, онҳо кумак мекунанд, ки мавод беҳтар омӯхта шаванд ва зуд такрор карда шавад.

Ин баста аз 100 корт бо саволҳо иборат аст. Ҳар як савол чаҳор варианти ҷавобро пешниҳод мекунад, ки танҳо яке аз онҳо дуруст аст. Барои ҳар як ҷавоби дуруст, иштироккунандаи викторина як хол мегирад.

Иштироккунандае, ки холи зиёдтар мегирад, ғолиб мешавад.

Ҳамаи саволҳои викторинаи иқлимӣ мувофиқи фаслҳои дастурамали “Сандуқчаи иқлимӣ” ба се мавзӯъ тақсим шудаанд:

1. Масъалаи тағйирёбии иклим
2. Тағйирёбии иқлим ба табиат ва инсон чӣ гуна таъсир мерасонад. Оё ба пайомадҳои ногузир мутобиқ шудан мумкин аст?
3. Чӣ гуна метавон аз пайомадҳои хатарноки тағйирёбии иқлим пешгирӣ кард?

Рӯйхати ҷавобҳои дуруст ба саволҳо барои кумак ба баранда дар корти ҷудогонаи «Ҷавобҳо» оварда шудааст.

Масъалаи тағйирёбии иқлим



1 Дараҷаи миёнаи ҳарорати ҳаво дар Замин дар муқоиса бо миёнаи асри 19:

А	тағйир наёфтааст;
Б	паст шудааст;
В	зиёд шудааст;
Г	якбора зиёд шуда, сипас боз паст шудааст.

2	Ҳарорати рӯи Замин дар муқоиса бо нимаи дувуми асри XIX чӣ қадар афзоиш ёфтааст?
А	1,2 °C
Б	2 °C
В	5 °C
Г	10 °C

3	**Пардаи ҳавоии болои замин чӣ ном дорад:**
А	**гидросфера;**
Б	**литосфера;**
В	**атмосфера;**
Г	**криосфера.**

4	**Иқлим - ин:**
А	**реҷаи бисёрсолаи ҳаво дар қаламрави муайян аст;**
Б	**хусусияти обу ҳаво, ки ишора мекунад ба басомади боришҳо;**
В	**вазъияти обу ҳаво дар давоми ҳафта;**
Г	**тасаввуроти шахсони калонсол, нишонаҳои обу ҳаво.**

5	Кадоме аз ин параметрҳо барои хусусиятҳои иқлими минтақаи мазкур истифода намешаванд?
А	ҳарорати ҳаво;
Б	реҷаи боришҳо;
В	шамолҳои доим вазанда;
Г	тӯл.

6	**Кадом навъи иқлим барои шаҳри Барселона дар Испания хос аст?**
А	**экваторӣ;**
Б	**муътадил;**
В	**тропикӣ;**
Г	**субтропикӣ.**

7	**Иқлими бештар намнок хос аст барои:**
А	**Ирландия;**
Б	**Муғулистон;**
В	**Африқои шимолӣ;**
Г	**Юнон.**

8	**Барои кадом камарбанди иқлимӣ ҳарорати доимии баланди ҳаво ва миқдори зиёди боришҳо хос аст, ки дар давоми сол баробар меборанд?**
А	**экваторӣ;**
Б	**субэкваториалӣ;**
В	**тропикӣ;**
Г	**субтропикӣ.**

9	Навъи иқлимро муайян кунед: «Дар тобистон дараҷаи миёнаи ҳарорат +30 °С, дар зимистон - +20°С аст, бисёр бориш мешавад, аммо асосан дар давраи тобистон».
А	Экваторӣ;
Б	субэкваториалӣ;
В	тропикӣ;
Г	субтропикӣ.

10	**Кадом массаи ҳаво зимистон дар камарбанди иқлимии субэкваториалии нимкураи шимолӣ амал мекунад?**
А	**арктикӣ;**
Б	**муътадил;**
В	**экваториалӣ;**
Г	**тропикӣ.**

11	Барои кадом навъи массаи ҳавоӣ ҳарорати баланд ва намнокии паст хос аст?
А	Барои ҳавои арктикӣ;
Б	барои ҳавои муътадил;
В	барои ҳавои экваторӣ;
Г	барои ҳавои тропикӣ.

12	**Минтақае дар сайёра, ки дар он ҷо баландтарин дараҷаи ҳарорати ҳаво дар соя +56,7 °С аст:**
А	**биёбони Намиб;**
Б	**баҳри Мурда;**
В	**водии Марг;**
Г	**биёбони Саҳро (Сахара).**

13	**Дар куҷо гармшавии иқлим зудтар рӯй медиҳад?**
А	**дар Аврупои ҷанубӣ;**
Б	**дар арзҳои тропикӣ;**
В	**дар Арктика;**
Г	**дар нимкураи ҷанубӣ.**

14	**Илме, ки ба мушоҳида, омӯзиш ва пешгӯии обу ҳаво машғул аст, чӣ ном дорад?**
А	**Иқлимшиносӣ;**
Б	**гидрология;**
В	**пиряхшиносӣ;**
Г	**оубҳавошиносӣ.**

15	**Илми палеоклиматология чиро меомӯзад?**
А	**Тағйироти иқлим дар замони муосир, ки бо фаъолияти инсон вобаста аст;**
Б	**иқлими гузашта;**
В	**Шароитҳои иқлимӣ дар кӯҳҳо;**
Г	**иқлими оянда.**

16	Кадоме аз ин методҳоро олимон барои донистани он истифода мебаранд, ки иқлим дар Замин садҳо ҳазор сол қабл чӣ гуна буд?
А	Омӯзиши ҳалқаҳои солонаи дарахтон;
Б	омӯзиши ҳубобҳои ҳаво дар яхҳои Антарктика;
В	омӯзиши тасвирҳои моҳвораҳои кайҳонӣ;
Г	омӯзиши додаҳои мушоҳидаҳои обуҳавошиносӣ.

17 **Охирин давраи яхбандон кай ба охир расид?**

А Наздики 100 сол пеш;

Б наздики 1000 сол пеш;

В наздики 10 000 сол пеш;

Г наздики 100 000 сол пеш.

18	Кай аз рӯи пешгӯиҳои олимон давраи навбатии яхбандон мумкин аст фаро расад?
А	ҳеҷ гоҳ;
Б	пас аз 1-3 миллион сол;
В	пас аз 10-30 ҳазор сол;
Г	пас аз 100-300 сол.

19	**Кадоме аз омилҳои номбаршуда ба иқлим (дар миқёси чанд сол ё даҳсолаҳо) танҳо таъсири кӯтоҳмуддат мерасонанд?**
А	**Ҳаракати материкҳо;**
Б	**хуруҷи вулқон;**
В	**тағйир додани кунҷи майлони меҳвари замин;**
Г	**партобҳои газҳои гулхонаии вобаста ба фаъолияти инсон.**

20 Чӣ гуна хуруҷи вулқонҳо ба иқлим таъсир мерасонанд?

А Ҳеч гуна таъсир намерасонанд;

Б боиси баланд шудани ҳарорат мегарданд;

В боиси паст шудани ҳарорат мегарданд;

Г дар ҷое боиси баланд шудани ҳарорат мегарданд ва дар ҷое боиси паст шудани ҳарорат мегарданд.

21 Кадоме аз газҳои номбаршуда газҳои гулхонаӣ ҳастанд?

А Нитроген (N_2);

Б Гази карбон (CO_2);

В Оксиди карбон (CO);

Г оксиген (O_2).

22	**75 % ҳамаи газҳои партобшудаи вобаста ба фаъолияти инсон ба кадом гази гулхонаӣ рост меоянд?**
А	**Гази метан (CH_4);**
Б	**гази карбон (CO_2);**
В	**гексафториди сулфур (SF_6);**
Г	**оксиди динитроген (N_2O).**

Оқибатҳои тағйирёбии иқлим



23 Ҳангоми гармшавии иқлим сатҳи уқёнуси ҷаҳонӣ:

А баланд мешавад;

Б паст мешавад;

В тағйир намеёбад;

Г баҳо додан ғайриимкон аст.

24 Кадоме аз кишварҳои номбаршуда бештар аз кишварҳои дигар зарар мебинанд, агар сатҳи уқёнус то охири садсолаи ҷорӣ як метр баланд шавад?

А	Бангладеш;
Б	Швейтсария;
В	Австрия;
Г	Непал.

25	**Барои кадоме аз шаҳрҳои номбаршуда баландшавии сатҳи уқёнуси ҷаҳонӣ хатар эҷод намекунад?**
А	**барои Бангкок;**
Б	**барои Орлеани Нав;**
В	**барои Шанхай;**
Г	**барои Вена.**

26 "Едомаҳо" чист?

А	Растаниҳои хурдашаванда дар ҷангали туғайдор;
Б	Маҷроҳои куҳна ва хушкшудаи рӯдҳо;
В	тюленҳое, ки сайди осони хирсҳои сафед мешаванд;
Г	ҷазираҳое, ки таҳти таъсири зарбаҳои мавҷҳо хароб ё нопадид мешаванд.

27	**Дар кадоме аз ин минтақаҳои ҷаҳон бештар аз ҳама тундбод ё гирдбод ташкил меёбанд?**
А	**Дар Осиёи марказӣ;**
Б	**дар Арктика;**
В	**дар соҳили ғарбии Африқо;**
Г	**Дар иёлатҳои марказӣ ва ҷанубии ИМА.**

28	Ба басомади зуҳури кадоме аз падидаҳои хатарноки табиӣ тағйирёбии иқлим ҳеҷ таъсир нахоҳад дошт?
А	Хушксолӣ;
Б	заминҷунбӣ;
В	тундбод ё гирдбод;
Г	тармаҳо.

29	Эскимосҳо кадом намуди манзилро бе барф сохта наметавонанд?
А	юртаро;
Б	игларо;
В	аилро;
Г	вигвамро.

30	Экосистемаи аз ҳама ғанӣ аз нигоҳи гуногунӣ:
А	Сахраҳои (рифҳои) марҷонӣ;
Б	Ҷангали туғайдор;
В	Ҷангали тропикӣ;
Г	Саваннаи африқоӣ.

31 Ба кадом экосистемаҳо баландшавии сатҳ ва афзоиши ҳарорати уқёнуси ҷаҳонӣ таъсир намерасонанд?

А Ба каронаҳои намакзори наздисоҳилӣ;

Б ба сахраҳои марҷонӣ;

В ба марғзорҳои алпӣ;

Г ба ҷангалҳоимангро.

32	Ту метавонӣ худро экотурист ҳисоб кунӣ, агар:
А	дар вақти кӯҳнавардӣ хӯрокро дар рӯи оташ пазӣ;
Б	ба зеботарин маконҳои сайёра сафар мекунӣ;
В	ҳайвоноти нодирро мушоҳидӣ кунӣ;
Г	кӯшиш кунӣ, ки дар сафарҳову кӯҳнавардиҳо таъсири худро ба табиат кам кунӣ.

33	Ҳар гуна фаъолияти хоҷагидорӣ манъ аст:
А	дар паркҳои табиӣ;
Б	дар парваришгоҳҳо;
В	дар мамнӯъгоҳҳо;
Г	дар паркҳои миллӣ.

34 **Мамнӯъгоҳи биосферӣ —ин ҳудудест, ки муҳофизат карда мешавад:**

А ҳамаи биосфера;

Б ҷомеаҳои хоси табиӣ;

В намудҳои нодири ҳайвоноти шикоршаванда;

Г зеботарин иншоотҳои табиӣ.

35	**Кадом кишвар дар ҷаҳон аз рӯи масоҳати ҷангалҳо ҷои якумро ишғол мекунад?**
А	**Канада;**
Б	**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;**
В	**Бразилия;**
Г	**Русия.**

36	Кадом омили иқлимӣ мавқеи марзи шимолии тайгаро муайян мекунад?
А	Ҳарорат;
Б	миқдори боришҳо;
В	фишори атмосферӣ;
Г	абрнокӣ.

37	Кадом омили иқлимӣ мавқеи марзи ҷанубии ҷангалро дар камарбанди муътадили иқлимии нимкураи Шимолӣ муайян мекунад?
А	Ҳарорат;
Б	миқдор боришҳо;
В	фишори атмосферӣ;
Г	абрнокӣ.

38	Кадоме аз навъҳои номбаршудаи дарахтони сӯзанбарг дар Сибир бештар паҳн шудааст?
А	Коҷ (сосна);
Б	Санавбар (ель);
В	Коҷи аврупоӣ (Лиственнитса);
Г	кедр.

39	Кадоме аз навъҳои номбаршудаи дарахтони паҳнбарг дар Амрикои шимолӣ бештар паҳн шудааст?
А	Заранг (клён);
Б	Осина (як навъи сафедор);
В	Олха (ольха);
Г	бед.

40	**Дар Сибири шарқӣ табдил шудани ҷангалҳои коҷ (сосна) ба экосистемаҳои даштӣ мушоҳида мешавад. Сабаби иқлимии ин падида чист?**
А	**зиёд шудани ҳарорат;**
Б	**кам шудани ҳарорат;**
В	**зиёд шудани миқдори боришҳо;**
Г	**кам шудани миқдори боришҳо.**

41	**Дар ҷангалҳои ҷавон ҷазбшавии карбон:**
А	**баланд аст;**
Б	**паст аст;**
В	**рӯй намедиҳад;**
Г	**ҷангалҳои ҷавон карбонро аз даст медиҳанд.**

42	Таносуби хориҷкунӣ ва ҷазбкунии гази карбон дар ҷангалҳое, ки дарахтони пир зиёданд, чӣ гуна аст?
А	Зиёдтар ҷазб мекунад ва камтар хориҷ мекунад
Б	Зиёдтар хориҷ мекунад ва камтар ҷазб мекунад;
В	ҷазбкунӣ тақрибан бо хориҷкунӣ баробар аст;
Г	дарахтони пир наметавонанд газ и карбонро ҷазб кунанд.

43	Чӣ гуна ҷангалҳои Канада ба нигоҳдории гази карбон дар атмосфера таъсир мерасонанд?
А	Онҳо махзани гази карбон мебошанд;
Б	онҳо манбаъи дуоксиди карбон мебошанд;
В	хориҷкунӣ тақрибан бо ҷазбкунӣ баробар аст;
Г	мубодилаи газ бо атмосфера вуҷуд надорад.

44 Қисми калони захираҳои оби ширин дар Замин мавҷуданд дар:

А	кӯлҳо;
Б	рӯдҳо;
В	пиряхҳо;
Г	обҳои зеризаминӣ

45	70 %ҳамаи обҳои ширин, ки инсон истеъмол мекунад, истифода мешавад барои:
А	нӯшидан;
Б	тайёр кардани хӯрок;
В	ниёзҳои санитарӣ;
Г	обёрии заминҳо.

46	**Кадоме аз ин минтақаҳои ҷаҳон махсусан ба хушксолиҳои сахт гирифтор мешаванд?**
А	**Африқои марказӣ;**
Б	**Осиёи ҷанубу шарқӣ;**
В	**ҷазираҳои хурди баҳри Кариб;**
Г	**кишварҳои Скандинавия.**

47	Мушкили асоии иқлимӣ, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даҳсолаҳои оянда дучор мешаванд:
А	камбуди об;
Б	миқдори аз ҳад зиёди об;
В	об шудани яхбандони бисёрсола;
Г	сиклонҳои тропикӣ.

48 Истеҳсоли кадом зироати кишоварзӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба таври назаррас мумкин аст ба хотири баланд шудани сатҳи Уқёнуси ҷаҳонӣ коҳиш ёбад?

А биринҷ;

Б гандум;

В ҷав;

Г ҷуворӣ.

49	Нишондиҳандаи асосии тағйирёбии иқлим дар кӯҳҳо - ин:
А	об шудани пиряхҳо;
Б	Коҳиш ёфтани шумораи суғурҳои кӯҳӣ;
В	хушк шудани рӯдҳои кӯҳӣ;
Г	кам шудани миқдори боришҳо.

50	Номи кадом асари бахшидашуда ба кӯҳҳо, мумкин аст ба сабаби тағирёбии иқлим ба номи хаёлӣ табдил шавад?
А	Р. Бёрнс "Кӯҳҳои сершах, ки дар он ҷо абрҳо мехобанд...";
Б	М.Ю. Лермонтов «Маҳбуси қафқозӣ";
В	Э. Бронте «Ағбаи пуртӯфон";
Г	Э. Хемингуэй «Барфҳои Килиманҷаро».

51	Сел дар кӯҳҳо - ин:
А	Тӯдаи барфе, ки аз фарози кӯҳ меафтад ё мелағзад;
Б	Обхезии шадид;
В	Ҷараёни об бо сангу лой;
Г	Боди тӯфонӣ.

52	Чаро ба сабаби тағйирёбии иқлим баъзе кӯлҳои пиряхӣ хатари калон эҷод мекунанд?
А	Пайвастагиҳои зарарноки химиявӣ дар об пайдо мешаванд
Б	Ба хотири афзоиши ҳарорат об аз ҳад зиёд гарм мешавад.
В	Ба сабаби об шудани пиряхҳо сатҳи об дар кӯл баланд мешавад, ки мумкин аст ба обхезӣ ва сел оварда расонад.
Г	Дар кӯлҳо ҳашароти хатарнок пайдо мешаванд, ки неш задани онҳо дарднок аст.

53	**Кадоме аз соҳаҳои номбаршудаи иқтисод, ки барои минтақаҳои кӯҳӣ хос мебошад, камтар аз дигар соҳаҳо ба таъсири тағйирёбии иклим дучор мешавад?**
А	**Сайёҳӣ;**
Б	**истихроҷи канданиҳои фоиданок;**
В	**кишоварзӣ;**
Г	**Истеҳсоли нерӯи барқи обӣ.**

54	Кадом қисми қаламрави Русияро яхбандони бисёрсола ишғол мекунад?
А	80 %;
Б	60 %;
В	30 %;
Г	20 %.

55	Масоҳати яхҳо дар Арктика дар давоми 40 соли охир чӣ қадар коҳиш ёфтааст?
А	10 %;
Б	20 % ;
В	50 % ;
Г	100 %.

56	Кадоме аз падидаҳои номбаршудаи вобаста ба тағйирёбии иқлим, ба дараҷаи камтар ба ҳаёти одамон ва экосистема дар Арктика таъсир мерасонад?
А	Шадидшавии бодҳо (барф ва тӯфонҳо);
Б	кам шудани масоҳат ва ғафсии яхҳои баҳр;
В	мавҷҳои давомдори гармӣ дар фасли тобистон;
Г	об шудани яхбандони бисёрсола.

57	**"Ҷазираи гармӣ" чист?**
А	**Ҷазирае, ки дар арзҳои тропикӣ ҷой гирифтааст.**
Б	**ҷазирае, ба он зериобмонии пурра ба сабаби баланд шудан сатҳи баҳр таҳдид мекунад;**
В	**маркази шаҳри калон, ки дар он ҷо ҳарорат дар муқоиса бо канораҳо баланд аст;**
Г	**қитъаи ҷангал, ки дар натиҷаи сӯхтор сӯхтааст.**

58	Кадоме аз ин одамон ба хотири гармшавии иқлим дар навбати аввал мумкин аст аз кор маҳрум шаванд?
А	Кормандиbонк дар Сингапур;
Б	омӯзгор дар Ҳиндустон;
В	деҳқон дар Кения;
Г	Кормандисӯхторхомушкунӣ дар Мексика.

59 Кадоме аз ин одамонро муҳоҷири иқлимӣ номидан мумкин аст?

А	Нафақахӯри немис, ки ба барои зиндагӣ дар соҳили баҳр ба Туркия кӯчидааст.
Б	Коргари турк, ки барои кор ба Олмон рафтааст.
В	Сокини Гаити, ки ба ИМА рафтааст, чун деҳаи ӯро тундбоди сахт хароб кардааст.
Г	Фермер аз иёлати ҷанубии Техас, ки ба иёлати Монтана кӯчидааст, ки дар он ҷо ба ӯ музди кори баланд пешниҳод кардаанд.

60	Чӣ қадар одамон дар тамоми ҷаҳон дар зер хатти камбизоатӣ зиндагӣ мекунанд?
А	50 %;
Б	35 % ;
В	15 % ;
Г	Камтар аз 10 %.

61	Аҳолии кадоме аз кишварҳои номбаршуда даромади аз ҳама паст доранд?
А	Бразилия;
Б	Олмон;
В	Туркманистон;
Г	Эфиопия.

Сабук кардани тағйирёбии иқлим

Асари (изи) карбон



62	**Манбаъи асосии партоби газҳои гулхонаии вобаста ба фаъолияти инсон:**
А	**буридани ҷангалҳо;**
Б	**Нақлиёти автомобилӣ;**
В	**истеҳсол ва масрафи энергия;**
Г	**кишоварзӣ.**

63	Кадом кишвар миқдори зиёди газҳои гулхонаиро ба ҳаво партоб мекунад?
А	ИМА;
Б	Чин;
В	Русия;
Г	Британияи Кабир.

64 Кадоме аз манбаъҳои номбаршудаи энергия тағдиднашаванда мебошад?

А	Мадду ғазрҳои баҳр
Б	сӯзишвории биологӣ;
В	нафт;
Г	энергияи офтобӣ.

65	**Кадоме аз манбаъҳои номбаршудаи энергия маводи хоми карбогидрид намебошад?**
А	**Уран;**
Б	**гази табиӣ;**
В	**торф;**
Г	**ангишти қаҳваранг.**

66	Ба кадом манбаъи энергия бояд бештар аз ҳама дар дунё масрафи энергия рост меояд?
А	Гази табиӣ;
Б	равған;
В	ҳезум;
Г	Энергияи бод

67 Ҳангоми истифода бурдани кадоме аз манбаъҳои номбаршудаи энергия партоби газҳои гулхонай ба андозаи ҳадди ақал мебошад?

А Ангишти қаҳвай;

Б гази табий;

В энергияи офтоб;

Г нафт.

68 Кадом манбаъи энергия дар муқоиса бо воҳиди энергияи истеҳсолшуда бештар аз ҳама гази гулхонаӣ партоб мекунад?

А Ангишт;

Б Энергияи офтобӣ;

В нафт;

Г Гази табиӣ.

69 **Кадом модда аз нафт истеҳсол карда намешавад?**

А	шиша;
Б	резина;
В	пластмасса;
Г	газ.

70 **Маркази гармидиҳӣ аз нерӯгоҳи барқи ҳароратӣ чӣ фарқ мекунад?**

А	**Дар маркази гармидиҳӣ об гарм карда мешавад ва дар нерӯгоҳи барқи ҳароратӣ —нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад.**
Б	**Дар маркази гармидиҳӣ барои шаҳрҳои калон, дар нерӯгоҳи барқи ҳароратӣ - барои шаҳрҳои хурд ва шаҳракҳо нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад .**
В	**Дар маркази гармидиҳӣ гармӣ ва нерӯи барқ ва дар нерӯгоҳи барқи ҳароратӣ —танҳо нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад.**
Г	**Маркази гармидиҳӣ – ин истгоҳи марказии тақсимотӣ мебошад, ки энергияро аз шабакаи нисбатан калони нерӯгоҳи ҳароратӣ мегирад.**

71 **Мушкили асосии нерӯгоҳҳои атомӣ чист?**

А	**Онҳо бештар аз ҳама гази карбон хориҷ мекунанд**
Б	**Онҳо пасмондҳои хатарноки радиоактивӣ эҷод мекунанд, хатари рӯй додани садамаҳои фоҷеабор вуҷуд дорад.**
В	**Интихоб кардани макони муносиб барои сохтмони истгоҳҳо душвор аст.**
Г	**Сӯзишвории ядроӣ дар зери замин тақрибан боқӣ намондааст.**

72	Паркҳои бодии оффшорӣ сохта мешаванд дар:
А	дар хушкӣ дар дарозои хатти соҳилӣ;
Б	дар миёни уқёнус;
В	дар кӯҳҳо;
Г	дар баҳр начандон дур аз соҳил.

73	Оё биомасса манбаи тағдидшавандаи энергия ҳисобида мешавад?
А	Не, охир боқимондаҳои организмҳои қадимӣ дар қаъри пӯстаи замин ивазшаванда нестанд
Б	Не, охир энергияи он ҳангоми сӯхтан ба нерӯи барқ табдил меёбад.
В	Бале, охир энергия нопадид шуда наметавонад.
Г	Бале, охир рустаниҳо боз месабзанд.

74	Дар Бразилия 1/5 қисми сӯзишвории автомобилӣ истеҳсол карда мешавад аз:
А	Пӯстаи бананаҳо;
Б	донаҳои қаҳва;
В	найшакар;
Г	равғани норҷил (кокос).

75 Кадоме аз истгоҳҳои барқӣ бо гидроэнергетика алоқа надорад?

А нерӯгоҳи барқи обӣ;

Б нерӯгоҳи давлатии ноҳиявӣ (ГРЭС);

В нерӯгоҳи гидроаккумулятсионӣ (ГАЭС);

Г Нерӯгоҳи мадду ҷазрӣ (ПЭС)

76	**Дар кадоме аз ин кишварҳои аврупоӣ, ки дорои фаъолнокии вулқонӣ мебошад, 1/3 ҳамаи энергияи барқӣ дар нерӯгоҳҳои геотермалӣ истеҳсол карда мешавад?**
А	**Дар Испания;**
Б	**дар Италия;**
В	**дар Исландия;**
Г	**дар Ирландия.**

77	Чанд ҳиссаи ҳаҷми умумии нерӯи барқи дар ҷаҳон истеҳсолшаванда ба манбаъҳои таҷдидшаванда (аз ҷумла нерӯгоҳи барқи обӣ) рост меояд?
А	Камтар аз 5 %;
Б	10 %;
В	15 %;
Г	Бештар аз 20 %.

78	Кадом кишвар дар ҷаҳон нахустин шуда зиёда аз 40% нерӯи барқи худро аз нерӯгоҳҳои бодӣ истеҳсол мекунад?
А	Австралия;
Б	Дания;
В	ИМА;
Г	Британияи Кабир.

79 Дар кадом шаҳр истифода кардани энергияи офтоб самараноктар аст?

А	Дар Қоҳира;
Б	дар Осло;
В	дар Лондон;
Г	дар Москва.

80	Дар кадом кишвар нахустин нерӯгоҳи мадду ҷазрӣ дар ҷаҳон сохта шудааст?
А	дар Ҷопон;
Б	дар Британияи Кабир;
В	дар Фаронса;
Г	дар ИМА.

81 Аломати "Синфи А" дар асбобҳои барқии истеҳсолшуда дар Иттиҳодиям Аврупо чӣ маъно дорад?

А Дастгоҳҳо дар заводҳои сарфакунандаи энергия истеҳсол карда шудаанд.

Б Маҳз ин дастгоҳҳо аз ҳама безарар дар хона мебошанд.

В Дастгоҳҳо иқтидори бештар доранд.

Г Дастгоҳҳо камтар нерӯи барқ масраф мекунанд.

82 Дастгоҳҳои тепловизор кадом нишондиҳандаҳоро чен мекунанд?

А Талафоти гармӣ дар лӯлаҳои хонаҳои маскунӣ ва ҷамъиятӣ;

Б тақсимоти ҳарорати ҳамаи сатҳҳо, барои мисол деворҳои хона;

В партобҳои гази карбон аз аз корхонаҳои саноатӣ;

Г масрафи гармӣ барои гарм кардани утоқҳо.

83	Кадом амалҳо барои баланд бардоштани ҳарорат дар дохили уток аз ҷиҳати экологӣ дуруст нестанд?
А	Истифода а з гармкунакҳои барқӣ;
Б	истифода аз инъикоскунандаҳои гармӣ дар пушти радиаторҳои гармидиҳанда;
В	бо қабати гармкунандаи пӯшонидани дари даромад;
Г	Муҳкам кардани тарқишҳо дар чорчӯби тиреза.

84	**Чаро барои равшанкунӣ истифода кардан аз фурӯзонакҳои светодиодӣ афзалтар аст, ҳарчанд онҳо аз фурӯзонакҳои каммасраф гаронтар ҳастанд?**
А	**Онҳо тарҳи бештар рангоранг доранд, ки ба намудҳои гуногуни фурӯзонакҳо мувофиқат мекунанд.**
Б	**Онҳоро ба контейнерҳои муқаррарии зубола (партов) партофтан мумкин аст ва ҳеҷ гуна қоидаҳои махсуси нобудкуниро талаб намекунад.**
В	**Дар онҳо симоби хатарнок мавҷуд нест ва онҳо камтар энергия масраф карда, муддати тӯлонӣ хидмат мекунанд.**
Г	**Онҳоро шикастан ғайриимкон аст, зеро онҳо аз пластикаи махсусан қавӣ сохта шудаанд.**

85 **Асари карбон чист?**

А	**Партобҳои гази карбон ба атмосфераи сайёра аз ҳамаи корхонаҳои саноатӣ.**
Б	**Маҷмӯи захираҳои карбон дар ҷангалҳои Замин.**
В	**Маҷмӯи партобҳои ҳамаи газҳои гулхонаӣ , ки аз ҷониби инсон, ташкилот, чорабинӣ, маҳсулот, шаҳр, давлат мустақим ё ғайримустақим партофта мешаванд.**
Г	**Захираҳои карбон, ки дар ҷараёни сӯхтани нафт ва гази табиӣ барои истеҳсоли нерӯи барқ ба гази карбон табдил мешаванд.**

86 **Эквиваленти CO_2 чист?**

А	**Ҳачми гази карбон, ки аз тарафи чанд корхонаю ташкилотҳо ба атмосфера партофта мешавад.**
Б	**Ҳаҷми сарфаҷӯии сӯзишворӣ, ки барои касби гармӣ дар биноҳо масраф мешавад.**
В	**Муқоисаи ҳар навъи газ бо CO_2 аз рӯи таъсир ба иқлим.**
Г	**Ҳаҷми ҳамаи газҳои гулхонай, ки аз ҳар гуна фаъолият хориҷ мешаванд, барои осонии ҳисоб ва дарк дар муқоиса бо ҳаҷми гази карбон.**

87 Чӣ ба мо кумак мекунад, ки самаранокии энергетикии дастгоҳҳои хонагиро муайян кунем?

А Барчасбҳои (тамғаи) самаранокии энергия;

Б Нишондодҳои ҳисобкунаки барқ;

В муҳлати хидмати дастгоҳ;

Г маводе, ки дастгоҳ аз он истеҳсол карда шудааст.

88	Чӣ гуна инсон ё ширкат метавонад асари (изи) карбони худро ҷуброн кунад?
А	Дастгоҳҳои нави каммасрафи энергияро интихоб кунад;
Б	дастгоҳҳо ва фурӯзонакҳоро хомӯш кунад, вақте онҳо истифода намешаванд;
В	кам кардани шумораи дастгоҳҳои равшаникунанда;
Г	Шинонидани ниҳол.

89	**Миқдори бештари партоби газҳои гулхонаӣ ба кадом намуди нақлиёт рост меояд?**
А	**Роҳи оҳан;**
Б	**баҳрӣ;**
В	**ҳавонавардӣ;**
Г	**автомобилӣ.**

90	"Карпул" чист?
А	Навъи нави автомобил бо батареяи офтобӣ;
Б	Сафарҳои якҷоя дар мошин бо ҳамсафарон;
В	Стандарти экологӣ барои муҳаррикҳои автомобилӣ;
Г	Таваққуфгоҳҳои махсус барои мошинҳо электрики.

91	Кадом тарзи ҳаракат дар шаҳр дӯстона ба иқлим аст?
А	Нақлиёти ҷамъиятӣ, масалан автобус;
Б	нақлиёти шахсӣ, вале бо масрафи ками сӯзишворӣ;
В	дучарха;
Г	карпул – сафарҳои якҷояи чанд нафар дар як мошин ба ягон ҷой , масалан ба кор.

92	Хонаи фаъол - ин хонаест, ки дар он:
А	Энергия масраф намешавад;
Б	энергия истеҳсол карда мешавад;
В	ҳама чиз бо низоми компютерӣ идора карда мешавад;
Г	фаъолони ҳаракати экологӣ зиндагӣ мекунанд.

93	Хонаи ғайрифаъол дар кишварҳои шимолӣ хонаест, ки:
А	Энергия масраф намекунад;
Б	Хеле хуб гарминигаҳдоранда карда шудааст ва қариб энергияро талаф намекунад;
В	Ба меъёрҳои сохтмон мувофиқат намекунад;
Г	Аз хидмати идоракунии компютер истифода намекунад

94 **Гармӣ аз хона аз ҳама зиёдтар хориҷ мешавад аз:**

А	**фарш;**
Б	**тирезаҳо;**
В	**деворҳо;**
Г	**Сақф /шифт.**

95	Кадом зубола (партов) замони тӯлонитар тачҳзия мешавад?
А	Коғаз;
Б	пасмондҳои ғизо;
В	пластика;
Г	оҳан.

96	**Бо кадом ҷузвдон (сумка) барои харид ба мағоза рафтан беҳтар аст, то асари (изи) карбони худро кам кунед?**
А	**Ҷузвдон лозим нест: дар мағоза халтачаи (пакети) якбормасрафи полиэтиленӣ метавон харид.**
Б	**бо халтачаи (пакети) полиэтилении худ;**
В	**бо халтачаи (пакети) коғазии худ;**
Г	**бо халтачаи (пакети) катонӣ ё пахтагин.**

97	**Кадом маҳсулоте, ки шумо бо волидонатон мехаред, камтарин асари (изи) карбонро доранд?**
А	**Маҳсулоти истеҳсоли маҳаллӣ;**
Б	**маҳсулоти истеҳсолшуда дар дигар минтақаи кишвар;**
В	**Маҳсулоти аз кишварҳои ҳамсоя овардашуда;**
Г	**маҳсулоти экзотикӣ аз кишварҳои дур.**

98	Кадом маслиҳат барои истифодаи каммасрафи дег (кастрюл) дуруст аст?
А	Таҳи дег бояд доирашакли кaчшуда бошад
Б	сарпӯш бояд баста бошад;
В	Таҳи дег бояд аз даҳона каме хурдтар бошад;
Г	Даҳони дег бояд ҳамеша кушода бошад.

99 **Дар кадом кишвар нахустин дар ҷаҳон хонаи фаъол сохта шуд?**

А	**Чин;**
Б	**Дания;**
В	**Испания;**
Г	**ИМА.**

100	Дар кадом кишвар протоколи Киото қабул карда шуд?
А	ИМА;
Б	Ҷопон;
В	Олмон;
Г	Фаронса.

Викторина барои хонандагони мактаб дар мавзуи “Тағйирёбии иқлим”

Ҷавобҳо



Ҷавобҳо

1. В	14. Г	27. Г	40. В	53. Б	66. Б	79. А	92. Б
2. А	15. Б	28. Б	41. А	54. Б	67. В	80. В	93. Б
3. В	16. Б	29. Б	42. В	55. Б	68. А	81. Г	94. Б
4. А	17. В	30. В	43. А	56. В	69. А	82. Б	95. В
5. Г	18. В	31. В	44. В	57. В	70. В	83. А	96. Г
6. Г	19. Б	32. Г	45. Г	58. В	71. Б	84. В	97. А
7. А	20. В	33. В	46. А	59. В	72. Г	85. В	98. Б
8. А	21. Б	34. Б	47. А	60. Б	73. Г	86. Г	99. Б
9. Б	22. Б	35. Г	48. А	61. Г	74. В	87. А	100. Б
10. Г	23. А	36. А	49. А	62. В	75. Б	88. Г	
11. Г	24. А	37. Б	50. Г	63. Б	76. В	89. Г	
12. В	25. Г	38. В	51. В	64. В	77. Г	90. Б	
13. В	26. Г	39. А	52. В	65. А	78. Б	91. В	